Касе, ки ду духтарро сарпарастӣ кунад, то ин ки ба синни балоғат бирасанд, рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки ман ва ӯ монанди ин ду хоҳем буд". Ва ангуштонашро бо ҳам часпонд

Аз Анас ибни Молик (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Касе, ки ду духтарро сарпарастӣ кунад, то ин ки ба синни балоғат бирасанд, рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки ман ва ӯ монанди ин ду хоҳем буд". Ва ангуштонашро бо ҳам часпонд.

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар доданд, ки касе, ки ба ӯ ду духтар ё хоҳар дода шуда бошад ва ӯ дар таъминот, тарбият, раҳнамоӣ ба хайр ва ҳушдор аз шар барои онҳо кӯшиш кунад, то онҳо калон шаванд ва ба балоғат бирасанд, рӯзи қиёмат ӯ ва Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) монанди ду ангушт дар паҳлуи ҳам хоҳанд буд. Паёмбар ҳангоми гуфтани ин сухан ангушти ишора ва миёнаи худро ба ҳам часпонид. (Яъне, ба монанди ин ду ангушт ба ҳам наздик хоҳанд буд.)

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/3360